«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____ Курбонзода М.Р.
«__» 08 октябр соли 2026

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ)

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), аз ҷумла: 1. Рушди асосҳои назариявӣ ва методологии сайёҳӣ ва консепсияҳои асосии иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ; 2. Ҷанбаҳои методии рушди фаъолияти хоҷагидорию иқтисодии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ; 5. Такмили шаклҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва комплексҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия. Таносуби фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва комплексҳои соҳаи сайёҳӣ; 15. Самарнокии иҷтимоию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонии аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ. Механизмҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ; 20. Самтҳои асосӣ ва омилҳои рушди сайёҳии дохилӣ, воридшаванда ва хориҷшаванда мутобиқат дорад.

**2. Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ, рақамикунонӣ, рушди иқтисоди сабз, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалии хизматрасониҳо тавсиф мегардад, соҳаи сайёҳӣ ба яке аз самтҳои муҳимми диверсификатсияи иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Дар ин замина, сайёҳии аграрӣ ҳамчун шакли муосири ташкили фаъолияти сайёҳӣ имконият фароҳам меорад, ки захираҳои табиӣ, иқтидори кишоварзӣ, анъанаҳои миллӣ, фарҳанги маҳаллӣ ва имкониятҳои соҳибкории деҳот самаранок истифода гардида, ҳамгироии соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ тақвият дода шавад. Таҷрибаи

кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушди сайёҳии аграрӣ метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо, ташаккули манбаъҳои иловагии даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ, беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолии деҳот ва ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ташаккул ва такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди устувори сайёҳии аграрӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати минтақавӣ ва шарти зарурии истифодаи самараноки иқтидори сайёҳию кишоварзии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ эътироф гардида, барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд. Мавҷудияти захираҳои ғании табиӣ, иқлими мусоид, гуногунии маҳсулоти кишоварзӣ, анъанаҳои қадимаи деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва имкониятҳои истеҳсолии хоҷагиҳои кишоварзӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар ин раванд, вилояти Хатлон бо назардошти иқтидори баланди кишоварзӣ, гуногунии захираҳои табиӣ, мавҷудияти мавзеъҳои дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ ва имкониятҳои рушди соҳибкорӣ дар деҳот дорои имкониятҳои назаррас барои ташаккул ва густариши сайёҳии аграрӣ мебошад. Истифодаи мақсадноки ин имкониятҳо метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ, афзоиши ҷолибияти сармоягузории минтақа ва таҳкими робитаҳои иқтисодии байни субъектҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ мусоидат намояд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили вазъи кунунии рушди сайёҳии аграрӣ нишон медиҳад, ки дар самти истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда ва ташкили низоми устувори пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳанӯз ҳам як қатор мушкилоти ҳалталаб боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, нокифоя будани рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар деҳот, маҳдуд будани имкониятҳои молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, сатҳи нокифояи ҷалби сармоягузориҳо, истифодаи маҳдуди технологияҳои рақамӣ, нокифоя будани хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ, инчунин ҳамоҳангии нокифояи фаъолияти субъектҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳалли ин мушкилот таҳияи механизмҳои муассири иқтисодию ташкилии идоракунӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иштирокчиёни соҳаи сайёҳии аграриро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, таҳаввулоти муосири иқтисодӣ ва гузариши тадриҷии иқтисоди миллӣ ба принсипҳои рушди устувор, иқтисоди сабз ва иқтисоди рақамӣ зарурати бознигарӣ ва такмили равишҳои ташкилию

иқтисодии рушди сайёҳии аграриро ба миён овардааст. Дар шароити мазкур истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ, ҷорӣ намудани усули муосири пешбурди фаъолияти сайёҳӣ, ташаккули маҳсулоти рақобатпазири сайёҳии аграрӣ, рушди инфрасохтори мувофиқ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва густариши ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд.

Дар вилояти Хатлон, бо назардошти нақши муҳимми соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти минтақа ва мавҷудияти имкониятҳои васеи рушди сайёҳӣ, таҳияи равишҳои илмии муайян намудани самтҳои афзалиятноки сайёҳии аграрӣ, арзёбии иқтидори мавҷуда, такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии идоракунӣ ва муайян намудани роҳҳои ҷалби сармоягузорӣ аҳаммияти хосса дорад. Амалӣ намудани чунин тадбирҳо метавонад ба диверсификатсияи фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ, ташкили манбаъҳои иловагии даромад, рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии деҳот ва таҳкими заминаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, тадқиқи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори сайёҳии аграрӣ, омӯзиши вазъи воқеӣ ва тамоюлҳои рушди он, арзёбии имкониятҳои истифодаи иқтидори кишоварзӣ ва сайёҳии вилояти Хатлон, муайян намудани омилҳои боздоранда ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди соҳа аҳаммияти муҳим дорад. Зарурати мутобиқ намудани фаъолияти субъектҳои сайёҳии аграрӣ ба талаботи иқтисодиёти муосир, истифодаи самараноки захираҳои минтақавӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мубрамияти мавзуи диссертатсионии Самандарова Зарнигор Умаровнаро муайян намуда, зарурати гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро дар ин самт асоснок менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия асосҳои назариявию методологии рушди устувори сайёҳии аграрӣ, механизмҳои иқтисодию ташкилии истифодаи самараноки иқтидори кишоварзию сайёҳии минтақа ва роҳҳои такмили онҳо дар шароити гузариш ба принсипҳои рушди устувори иқтисодӣ асоснок карда шудаанд. Ба натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, нуктаҳои зерин дохил мешаванд:

- таҳлилу такмили асосҳои назариявии сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти нисбатан нав дар рушди минтақаҳои деҳот, аз ҷумла равшан намудани

моҳияти мафҳуми «сайёҳии аграрӣ», муайян намудани сохтор ва унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, инчунин, асоснок намудани равишҳои методии таҳияи стратегияҳои рушди минтақавӣ анҷом дода шудааст;

- коркарди усул ва меъёрҳои арзёбии сатҳи рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот бо дарназардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва захиравии онҳо амалӣ гардидааст, ки дар қиёс бо усули маъмул имкон медиҳад, ки шароити махсуси рушди сайёҳии аграрӣ тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳо ба ҳисоб гирифта шуда, равиши методии минтақабандӣ, таснифоти минтақаҳо аз рӯйи сатҳи ҷаззобияти инноватсионӣ барои рушди сайёҳии аграрӣ асоснок ва пешниҳод карда шуда, ҳамзамон, усули асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои ташкили объектҳои моделии сайёҳии деҳот, муҳосибаи талабот ба сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои самаранокии лоиҳаҳо бо дарназардошти сатҳи ҷаззобияти инвеститсионии сайёҳии аграрӣ дар минтақа таҳия ва муайян карда шуданд;

- равишҳои арзёбии самаранокии иҷтимоию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот бо дарназардошти манфиатҳои давлат, корхонаҳои кишоварзӣ, сокинони деҳот ва сайёҳон муайян карда шуданд. Таъсиси ҷойҳои корӣ иловагӣ барои хизматгузории сайёҳон ва расонидани хидматҳои иловагӣ, инчунин, даст ёфтани корхонаҳои кишоварзӣ ва аҳолии деҳот ба манбаъҳои иловагии даромад асоснок карда шудаанд;

- дар коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, ки рушди муҳити ниҳодии онро дар вилоят, дигаргунсозии сохтори назариявии низоми дастгирии субъектони соҳа ва асоснокии пешниҳодҳо барои такмили онро пешбинӣ мекунанд.

**4. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Саҳми шахсии довталаб дар тадқиқот дар таҳияи консепсияи илмии рушди устувори сайёҳии аграрӣ, муайян намудани самтҳои асосии омӯзиши масъала, интихоби усули мувофиқи тадқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳои илмии дорои аҳаммияти назариявию амалӣ ифода меёбад.

Дар ҷараёни тадқиқот довталаб мустақилона таҳлили назариявию методологии масъалаҳои марбут ба рушди устувори сайёҳии аграриро анҷом дода, хусусиятҳо, тамоюлҳо ва омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди ин соҳа дар шароити муосири иқтисодиро муайян намудааст. Дар асоси омӯзиши вазъи кунунӣ ва нишондиҳандаҳои рушди сайёҳию

кишоварзӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои истифодаи самараноки иқтидори табиӣ, иқтисодӣ ва сайёҳии минтақа арзёбӣ гардида, мушкилоту маҳдудиятҳои асосии рушди сайёҳии аграрӣ ошкор карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастомада, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалии таҳияшуда маҳсули фаъолияти мустақилонаи илмии довталаб буда, саҳми шахсии ӯро дар ҳалли масъалаҳои назариявию амалии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамоянд. Аҳаммияти натиҷаҳои тадқиқот дар имконияти истифодаи онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди минтақавӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳа зоҳир мегардад.

**5. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии тадқиқот дар 220 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири 29 ҷадвал, 7 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 171 номгуй иборат аст.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи тадқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии тадқиқот мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор гирифта, дар бораи татбиқи натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

Боби аввал «**Асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот**» ном дошта (саҳ. 12 - 80), моҳият ва хосиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ, омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд ва таҷрибаи хориҷии рушди сайёҳии аграрӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар диссертатсия, дар доираи **зербоби 1.1 «Моҳият ва хусусиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ»**, (саҳ. 12 - 33) асосҳои назариявии ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот мавриди тадқиқ қарор гирифта, моҳият, мазмун, хусусиятҳо ва аҳаммияти иқтисодию иҷтимоии ин шакли фаъолияти сайёҳӣ муайян карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлил муқаррар гардидааст, ки сайёҳии аграрӣ ҳамчун самти махсуси фаъолияти сайёҳӣ ба истифодаи самараноки иқтидори кишоварзӣ, захираҳои табиӣ, анъанаҳои миллӣ ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот асос ёфта, барои диверсификатсияи иқтисодиёти маҳаллӣ, ташкили ҷойҳои нави

корӣ ва баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолии деҳот замина фароҳам меорад. Асоснок карда шудааст, ки рушди устувори сайёҳии аграрӣ ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро тақозо намуда, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва мероси фарҳангӣ, инчунин таъмини самаранокии фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ва сайёҳиро дар бар мегирад. Дар баробари ин, хусусиятҳои асосии сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла робитаи мутақобилаи фаъолияти кишоварзӣ ва сайёҳӣ, вобастагӣ аз захираҳои табиӣ ва иқлимӣ, хусусияти мавсимии талабот, иштироки аҳолии маҳаллӣ ва имкониятҳои ташкили хизматрасониҳои гуногунҷабҳа муайян карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар ин зербоб нақши сайёҳии аграрӣ дар таъмини рушди устувори деҳот ва таҳкими заминаҳои иқтисодии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муайян гардидааст, ки рушди ин соҳа метавонад ба ташаккули манбаъҳои иловагии даромад, васеъ гардидани имкониятҳои соҳибкории хурду миёна, баланд шудани шуғли аҳолӣ ва истифодаи самараноки инфрасохтори мавҷуда мусоидат намояд.Дар ин замина, сайёҳии аграрӣ ҳамчун воситаи диверсификатсияи фаъолияти иқтисодии деҳот ва таҳкими робитаҳои байни соҳаҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва савдо арзёбӣ гардида, зарурати ташаккули муносибати маҷмуӣ ба идоракунӣ ва рушди он асоснок карда шудааст.

Дар доираи **зербоби 1.2 «Омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд»**, (саҳ. 33 - 61) муаллиф омилҳои асосии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, институтсионалӣ, табиӣ ва экологие, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ таъсир мерасонанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар натиҷаи тадқиқот муайян карда шудааст, ки самаранокии рушди сайёҳии аграрӣ аз маҷмуи омилҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла мавҷудияти захираҳои кишоварзӣ ва табиӣ, сатҳи рушди инфрасохтори сайёҳӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, иқтидори сармоягузорӣ, сифати хизматрасониҳо, сатҳи тахассуси кадрҳо ва фаъолияти самараноки мақомоти идоракунӣ вобастагӣ дорад.

Дар тадқиқот асоснок гардидааст, ки дастгирии давлатӣ ва ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ аз шартҳои муҳимми рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба ҳисоб мераванд. Татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастгирии молиявии субъектҳои хоҷагидор, ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ имконият фароҳам меоранд, ки иқтидори мавҷудаи деҳот самаранок истифода гардида, фаъолияти соҳибкорӣ густариш ёбад.

Муаллиф ҳамчунин ба таъсири омилҳои экологӣ ва рақамикунонӣ ба рушди сайёҳии аграрӣ таваҷҷуҳ намуда, муайян кардааст, ки истифодаи оқилонаи замин ва захираҳои обӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, кам кардани таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ба муҳити зист ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ барои таъмини рушди дарозмуддати соҳа аҳаммияти муҳим доранд. Дар ин замина, истифодаи платформаҳои рақамӣ барои таблиғи хизматрасониҳо, фармоиши электронӣ, ташаккули хатсайрҳои сайёҳӣ ва густариши робита бо муштариён ҳамчун воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои сайёҳии аграрӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар **зербоби 1.3 – «Таҷрибаи хориҷии рушди сайёҳии аграрӣ»**, (саҳ. 61–80) муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор дода, хусусиятҳои асосии татбиқи механизмҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва институтсионалии рушди соҳаро баррасӣ намудааст. Дар ин замина, имкониятҳои истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ барои такмили механизмҳои рушди сайёҳии аграрӣ ва мутобиқсозии он ба шароити иқтисодию иҷтимоии кишвар муайян карда шудаанд.Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муайян гардидааст, ки самаранокии рушди сайёҳии аграрӣ аз ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии молиявию институтсионалӣ ва иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ вобастагӣ дорад. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки рушди шаклҳои гуногуни ҳамкории хоҷагиҳои кишоварзӣ бо ташкилотҳои сайёҳӣ, истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ташкили шабакаҳои хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва рақобатпазирии самтҳои сайёҳии аграрӣ мусоидат намоянд. Дар баробари ин, муаллиф асоснок намудааст, ки таҷрибаи хориҷӣ бояд бо назардошти хусусиятҳои табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла имкониятҳои соҳаи кишоварзӣ ва сайёҳии вилояти Хатлон, мутобиқ ва истифода карда шавад.

Дар хулосаи боби аввал асосҳои назариявию методии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот ҷамъбаст гардида, моҳият, хусусиятҳои асосӣ, омилҳои таъсиррасон ва равишҳои муосири ташкили фаъолияти соҳа муайян карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои таҳлили вазъи кунунии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди устувори он заминаи илмӣ фароҳам меоварад.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Арзёбии рушди ташкилӣ - иқтисодии сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон»** (саҳ. 81 - 138) асосҳои ташкилӣ - иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот, иқтидори захиравии вилояти Хатлон дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ ва шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеи рушди сайёҳӣ дар деҳот мешаванд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар зербоби 2.1 **«Заминаҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлон»** (саҳ. 81 - 102) заминаҳои асосии ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва кишоварзии минтақа таҳлил гардидаанд. Муайян карда шудааст, ки мавҷудияти заминҳои кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни растанипарварӣ ва чорводорӣ, анъанаҳои миллии деҳот ва фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ барои ташкили хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ имкониятҳои мусоид фароҳам меоварад. Муаллиф дар раванди таҳлил аҳаммияти муҳити институтсионалӣ, сиёсати дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ барои ташаккули инфрасохтори сайёҳиро баррасӣ намудааст. Асоснок гардидааст, ки рушди сайёҳии аграрӣ на танҳо аз мавҷудияти захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ, балки аз сатҳи ташкили хизматрасониҳо, ҳамоҳангии фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ, дастрасии иттилоот ва ташаккули маҳсулоти рақобатпазири сайёҳӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, зарурати таҳкими ҳамкории хоҷагиҳои кишоварзӣ бо ташкилотҳои сайёҳӣ, истифодаи имкониятҳои маркетингӣ ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербоби 2.2 – **«Иқтидори захиравии вилояти Хатлон дар соҳаи рушди сайёҳии аграрӣ»** (саҳ. 102–121) муаллиф захираҳо ва имкониятҳои мавҷудаи минтақаро барои рушди сайёҳии аграрӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст. Дар ин замина, имкониятҳои истифодаи захираҳои заминӣ, иқлими мусоид, маҳсулоти кишоварзӣ, фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва анъанаҳои истеҳсолии маҳаллӣ барои ташаккули намудҳои гуногуни хизматрасониҳои сайёҳии аграрӣ арзёбӣ гардидаанд. Муайян карда шудааст, ки истифодаи маҷмуии чунин захираҳо метавонад ба ташаккули маҳсулоти нави сайёҳӣ, густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти иқтисодии маҳалҳои деҳот мусоидат намояд.

Ҳамзамон, дар диссертатсия аҳаммияти захираҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ дар истифодаи самараноки иқтидори сайёҳию кишоварзии минтақа таҳлил гардидааст. Асоснок карда шудааст, ки маҳдуд будани дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, нокифоя будани сармоягузорӣ ба

инфрасохтори сайёҳӣ ва сатҳи гуногуни таъминоти техникӣ метавонанд имкониятҳои истифодаи иқтидори мавҷударо маҳдуд созанд. Дар ин робита, муаллиф зарурати ҷалби сармояи хусусӣ, истифодаи механизмҳои дастгирии давлатӣ, рушди ҳамкории байни субъектҳои соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки кишоварзию сайёҳӣ ҳамчун самтҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои минтақа муайян карда шудааст.

Дар зербоби 2.3 **«Шаклҳои ҳозираи корхонаҳои сайёҳии аграрӣ ва омилҳое, ки монеаи рушди сайёҳӣ дар деҳот мешаванд»** (саҳ. 121 - 138) шаклҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти субъектҳои сайёҳии аграрӣ ва мушкилоти асосии рушди онҳо дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин замина, имкониятҳои ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ дар заминаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои оилавӣ ва дигар субъектҳои соҳибкорӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти ҳамгироии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ муайян карда шудааст. Дар баробари ин, дар раванди таҳқиқот омилҳои асосии бордорандаи рушди сайёҳии аграрӣ, аз ҷумла сатҳи нокифояи рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт ва ҷойгиронӣ, маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, норасоии кадрҳои соҳибтахассус, истифодаи маҳдуди технологияҳои рақамӣ, самаранокии нокифояи фаъолияти таблиғотию маркетингӣ ва хусусияти мавсимӣ доштани талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ муайян ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки рафъи монеаҳои мазкур такмили механизмҳои дастгирии давлатии соҳа, васеъ намудани дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди инфрасохтори маҳаллӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус ва малакаҳои касбии кадрҳо, инчунин ҷорӣ намудани воситаҳои муосири рақамӣ ва маркетингиро тақозо менамояд.

Дар хулосаи боби дуюм натиҷаҳои таҳлили илмии заминаҳои ташаккул ва рушди сайёҳии аграрӣ, иқтидори захиравии вилояти Хатлон ва хусусиятҳои ташкилӣ-иқтисодии фаъолияти субъектҳои соҳа ҷамъбаст гардидаанд. Дар асоси таҳлил муайян карда шудааст, ки вилояти Хатлон дорои имкониятҳои назарраси рушди сайёҳии аграрӣ буда, истифодаи самараноки иқтидори кишоварзӣ, захираҳои табиӣ ва имкониятҳои соҳибкории маҳаллӣ метавонад ба диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот, афзоиши даромади аҳолӣ ва васеъ гардидани шуғли аҳолии маҳаллӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, муаллиф зарурати такмили инфрасохтори соҳаи сайёҳиро барои бехтар намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, таҳкими ҳамкории субъектҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ, ҷорӣ намудани усули муосири идоракунӣ ҳамчун шартҳои муҳимми таъмини рушди

устувори соҳа дар кор асоснок намудааст.Натиҷаҳои таҳқиқот барои муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон заминаи заруриро фароҳам овардаанд.

Боби сеюм **«Дурнамо ва самтҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон»** (саҳ. 139 - 194) номгузорӣ шуда, он дарбаргирандаи масъалаҳои самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот, самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар деҳот ва такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои муайян намудани самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ, арзёбии самаранокии иқтисодии он, инчунин такмили механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии соҳаро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст.

Дар зербоби 3.1 **«Самтҳои дурнамо ва моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот»** (саҳ. 139 - 163) масъалаҳои муайян намудани самтҳои ояндадори рушди сайёҳии аграрӣ, ташаккули моделҳои мувофиқи фаъолияти субъектҳои соҳа ва истифодаи самараноки иқтидори кишоварзию сайёҳии маҳалҳои деҳот баррасӣ шудаанд. Муаллиф зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ, субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва мақомоти маҳаллии идоракуниро асоснок намуда, нақши рушди инфрасохтор, гуногунсозии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ҷорӣ намудани усули муосири идоракуниро дар баланд бардоштани ҷолибияти сайёҳии аграрӣ муҳим арзёбӣ кардааст. Дар ин замина, ташаккули моделҳои рушди сайёҳии аграрӣ ҳамчун воситаи истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ, густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл дар деҳот баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби 3.2 **«Самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳот»** (саҳ. 163 - 176) диққати асосӣ ба арзёбии натиҷаҳои иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳа ва имкониятҳои баланд бардоштани даромаднокии онҳо равона шудааст. Муаллиф аҳаммияти истифодаи самараноки захираҳои моддию молиявӣ, ҷалби сармоягузорӣ, васеъ намудани доираи хизматрасониҳои сайёҳӣ ва таҳкими робитаҳои байни соҳаи кишоварзӣ ва сайёҳиро дар таъмини самаранокии иқтисодӣ баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, муаллиф сайёҳии аграриро ҳамчун омили диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот, афзоиши даромади аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии маҳалҳо арзёбӣ намуда, нақши онро дар баланд бардоштани

самаранокии истифодаи захираҳои кишоварзӣ ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот асоснок кардааст.

Дар зербоби 3.3 **«Такмилдиҳии танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ дар деҳот»** (саҳ. 176 - 194) масъалаҳои такмили механизмҳои танзими давлатӣ, таҳкими заминаҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва васеъ намудани воситаҳои дастгирии субъектҳои сайёҳии аграрӣ тадқиқ шудаанд. Муаллиф ба зарурати ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ, беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, рушди инфрасохтори дастгирӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ҳамзамон, муаллиф аҳаммияти такмили механизмҳои иқтисодию молиявии ҳавасмандгардонӣ, дастрас намудани захираҳои қарзӣ, рушди хизматрасониҳои машваратию иттилоотӣ ва истифодаи имкониятҳои рақамикунонӣ дар баланд бардоштани самаранокии идоракунии соҳа асоснок карда шудааст.

Дар хулосаи боби сеюм натиҷаҳои асосии таҳқиқот оид ба муайян намудани самтҳои дурнамои рушди сайёҳии аграрӣ, таҳияи моделҳои рушди соҳа, арзёбии самаранокии иқтисодии он, инчунин такмили механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии сайёҳии аграрӣ ҷамъбаст гардидаанд. Дар ин замина, натиҷаҳои таҳлилӣ ва хулосаҳои илмии бадастомада барои асоснок намудани самтҳои афзалиятноки истифодаи самараноки иқтидори кишоварзию сайёҳии вилояти Хатлон, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳа ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

**6. Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои тадқиқот** бо истифода аз усули махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи тадқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои тадқиқот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

**7.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз рӯйи сохтор, мазмун ва пайдарҳамии мантиқии баёни масъалаҳо ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи тадқиқот мувофиқат менамояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон ба таври муназзам ва илмӣ таҳқиқ гардидаанд. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои сайёҳии аграрӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушд, иқтидори захиравии минтақа, самаранокии иқтисодии соҳа ва роҳҳои такмили механизмҳои танзим ва дастгирии давлатии онро мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати

истифодаи самараноки имкониятҳои кишоварзию сайёҳӣ ва таъмини рушди устувори соҳа пешниҳодҳои илмию амалӣ манзур намудааст.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳою тавсияҳои пешниҳодшуда бо истифодаи равишҳои мувофиқи методологӣ, таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти илмии олимони ватаниву хориҷӣ ва омӯзиши маълумоти расмии оморӣ таъмин гардидаанд. Дар раванди тадқиқот асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти оморӣ ва таҳлилии созмонҳои байналмилалӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии интернетӣ истифода шудаанд. Маҷмуи сарчашмаҳои истифодашуда, таҳлили масъалаҳои таҳқиқшаванда ва мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба мақсаду вазифаҳои диссертатсия барои асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодшуда замина фароҳам овардаанд.

**8. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии тадқиқот** дар асоснок намудани заминаҳои назариявию методологии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ва такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии он дар маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд барои такмили равишҳои илмии арзёбии иқтидори кишоварзию сайёҳии минтақа, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳа, таҳияи моделҳои самараноки ташкили фаъолияти сайёҳии аграрӣ ва асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди устувори он истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди сайёҳии аграрӣ, кишоварзӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳии аграрӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳои деҳот, беҳтар намудани шароити фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва васеъ намудани имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ истифода шаванд. Илова бар ин, муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи чорабиниҳо оид ба истифодаи самараноки иқтидори кишоварзию сайёҳии минтақа,

ташаккули моделҳои нави хизматрасонии сайёҳӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва густариши ҳамкории субъектҳои кишоварзӣ бо ташкилотҳои сайёҳӣ хизмат намоянд. Натиҷаҳои тадқиқот инчунин метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва гузаронидани тадқиқоти минбаъда оид ба масъалаҳои иқтисодиёти сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва рушди устувори маҳалҳои деҳот истифода шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии тадқиқот** дар муайян намудани имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои кишоварзию сайёҳӣ, диверсификатсияи фаъолияти иқтисодии маҳалҳои деҳот, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва васеъ намудани доираи хизматрасониҳои сайёҳӣ зоҳир мегардад. Татбиқи пешниҳодҳои тадқиқот метавонад ба афзоиши даромади субъектҳои сайёҳии аграрӣ, рушди соҳибкории маҳаллӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии вилояти Хатлон мусоидат намояд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл, баланд бардоштани сатҳи даромад ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии маҳалҳои деҳот ифода меёбад. Рушди устувори сайёҳии аграрӣ метавонад барои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, ҷалби ҷавонон ва занон ба фаъолияти соҳибкорӣ, рушди малакаҳои касбӣ ва густариши имкониятҳои худмашғулият мусоидат намояд. Ҳамзамон, он ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, анъанаҳои миллӣ, муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ замина фароҳам оварда, дар таъмини рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодии маҳалҳои деҳоти вилояти Хатлон нақши муҳим мебозад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаандаи илмӣ.**

Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**9. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Самандарова З.У. ҳамчун муҳаққиқи соҳибтахассус дар соҳаи сайёҳии аграрӣ қобилияти мустақилона ҳал намудани масъалаҳои муҳими илмии марбут ба ин самтро доро буда, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи ӯ аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво ба самти ихтисоси интихобнамудаи унвонҷӯ мутобиқат менамояд.

Мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботи муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пурра

мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба талаботи муқаррарагардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**10. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ-амалии натиҷаҳои бадастомада, дар диссертатсия баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ва ҷанбаҳое ҷой доранд, ки ҳамчун эроду тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Мубрамияти мавзуи диссертатсия дар асоси далелу рақамҳои оморӣ, нишондиҳандаҳои воқеӣ, инчунин стратегияҳо ва барномаҳои давлатии марбут ба рушди соҳаи сайёҳии аграрӣ асоснок карда мешуд, аҳаммияти илмӣ ва амалии тадқиқот боз ҳам равшантар мегардид.

2. Боби 1, зербоби 1.1, расми 1.1.1. ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари намудҳои сайёҳии дар расм овардашуда, метавон сайёҳии аграрӣ - этнографиро ҳамчун намуди иловагӣ пешниҳод намуд. Ин навъи сайёҳӣ ба шароити табиӣ, кишоварзӣ ва анъанаҳои миллии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

3. Зербоби 1.1, расми 1.1.2, саҳ. 29. Муаллиф манфиатҳои рушди сайёҳии аграриро дар маҳалҳои деҳот ба таври назаррас инъикос намудааст. Барои боз ҳам пурратар нишон додани ҷанбаҳои иҷтимоии ин намуди сайёҳӣ, илова намудани самти «маърифат ва таълим», ки он барномаҳои омӯзишӣ барои деҳқонон оид ба ташкили хизматрасониҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани сатҳи малакаи касбии онҳоро дар бар мегирад, мувофиқи мақсад мебуд.

4. Боби 2, зербоби 2.1, саҳ. 97. Дар диссертатсия як қатор омилҳои ба рушди сайёҳии аграрӣ таъсиррасон баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили амиқтари омилҳои молиявӣ, иттилоотӣ ва инфрасохтори коммуналӣ, муайян намудани нақш ва таъсири онҳо ба рушди соҳа, инчунин арзёбии имконияту бартариҳои мавҷуда ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани вазъи онҳо метавонист аҳаммияти тадқиқотро боз ҳам баланд бардорад.

5. Ҷадвали 2.3.1, саҳ. 123. Ҷадвали мазкур ба шарҳи муфассал ва асосноккунии илмӣ ниёз дорад.

6. Зербоби 3.2. Хуб мешуд, самаранокии иқтисодии рушди сайёҳии аграрӣ дар мисоли корхонаҳои мушаххас, ки бевосита дар ин самти сайёҳии аграрӣ фаъолият менамоянд, дар боби дуюм мавриди таҳлил қарор мегирифт.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, асосан ба такмили минбаъдаи тадқиқот нигаронида шудаанд ва ба арзиши илмӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд.

**11. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ – назариявӣ навишта шуда, ба талаботи гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи унвончӯ таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои тадқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбахои муҳимми мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**12. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тадқиқоти диссертатсионии Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзуи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.12 – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 1, 2, 5, 10, 15 ва 20 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 - Иқтисодиёт (5.2.12 - Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76 - 79 ва 81 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраҳои менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ ва технологияҳои информатсионӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест (протоколи №3 аз 03 октябри соли 2026 тасдиқ гардидааст).

Раиси ҷаласа, н.и.и., дотсент,
мудири кафедраи менеҷмент
ва ташкили сайёҳии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Наимов Б.Қ.

Котиб, н.и.и., дотсенти кафедраи
менеҷмент ва ташкили сайёҳии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Маҷнунова М.Ҳ.

Тақризро омода кард:
н.и.и., омӯзгори калони кафедраи
технологияҳои информатсионӣ ва
методикаи таълими информатикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Наимзода Н.Қ.

Нишонии Донишгоҳ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.: +(992 3322) 2-45-20, 2-22-53. btsu78@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Наимов Б.Қ., н.и.и., дотсент Маҷнунова М.Ҳ. ва н.и.и., Наимзода Н.Қ. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.